


# Офатҳои табиӣ ва хавфҳо: Иттилоот ва коммуникатсия

ENVSEC
Environment & Security

REGIONAL ENVIRONMENTAL CENTER

# Офатҳои табиӣ ва хавфҳо: Иттилоот ва коммуникатсия

Маводи омӯзишӣ барои Марказҳои Аарҳус (Орхус)

# Мундариҷа


Ихтисораҳо ... 4

Муқаддима ... 5

Сабақҳои асосии омӯхташуда ... 7

Системаҳои огоҳсозӣ ва пешгӯӣ ... 7

Хадамоти наҷотдиҳии ҳамгирошуда ... 7

Қонунгузории муносиб ... 7

Банақшагирӣ ва банақшагирии шаҳрӣ ... 8

Ҳамкории байналмилалӣ ... 8

Таълим (омӯзиш) ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ... 8

Таҷриба аз Ҷумҳурии Чех: Ҳимоят ва пешгирӣ ... 9

Анҷом додани тағйироти лозимӣ ... 10

Тағйироти асосии қонунгузорӣ - Ҳолатҳои фавқулодда ... 10

Тағйироти асосии қонунгузорӣ – Банақшагирӣ ва ҳамоҳангӣ ... 10

Пешгирӣ аз обхезӣ (сел) ... 12

Банақшагирии стратегӣ ... 12

Пешгирии васеътар ... 13

Банақшагирии тактикӣ ва амалиётӣ ... 14

Таҷриба аз Ҷумҳурии Чех: Офатҳои давомдор ва масъулиятҳо ... 15

Огоҳсозӣ (системаҳои огоҳсозии бармаҳал, масъулиятҳо) ... 15

Коммуникатсия ... 17

Эвакуатсия ва наҷотдиҳӣ ... 17

Ёрии башардӯстона ... 17

Амният ва барқарорсозӣ ... 18

Ёрии иҷтимоӣ ... 18

Таҷриба аз Ҷумҳурии Чех: Деворҳои зидди обхезӣ  ва монеаҳои сайёр ... 19

Конструксияи девори зидди обхезӣ ... 19

Сегментҳои девори зидди обхезӣ ... 20

Таҷриба аз Ҷумҳурии Чех: Дигар навъи офатҳо ... 21

Нашри мавод ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ... 22

# Ихтисораҳо

| | |
|---|---|
| СҒД | Созмони ғайридавлатӣ |
| САҲА | Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |

# Муқаддима

Дар ҳамаи минтақаҳое, ки Ташаббус оид ба муҳити зист ва амният (ENVSEC[1]) фаъолият менамояд, одамон, ҷомеаҳо ва иқтисодҳо тахти таъсири манфии офатҳои табиие мисли заминҷунбӣ, заминлағжӣ ва обхезӣ қарор мегиранд. Ҳарчанд бисёр офатҳои табиӣ хусусияти фаромарзӣ доранд, аксарияти пайомадҳо дар сатҳи ҷомеа возеҳ ифода мешаванд. Таъсири офатҳои табииро таназзули муҳити зист ва басомади афзудаи тағйирёбии иқлим – ҳодисаҳои фавқулодда сунъии обу ҳаво – шиддат медиҳанд. Илова бар ин, осебпазирии инсон бо сабаби зичии аҳолӣ ва набудани ё номуассир будани сиёсатҳои давлатӣ дар ҳамаи марҳилаҳои паст кардани таъсири хавфи офат (DRR[2]) — банақшагирӣ, мониторинг, системаҳои огоҳсозии бармаҳал, тадбирҳои муҳофизатӣ, амалиёти наҷотдиҳӣ, таҷдиду барқарорсозӣ, кӯмаки башардӯстона ва иҷтимоӣ – афзоиш меёбад.

Ҷонибҳои манфиатдори маҳаллӣ дар тақвият додани муқовимати ҷомеа ба офатҳои табиӣ ва афзудани амнияти муҳити зист тавассути ба ҳадди аксар расонидани огоҳӣ ва ҳавасмандсозии иштироки аҳолии осоишта ба фаъолиятҳои омодагии бартарафсозии офатҳои табиӣ метавонанд нақши муҳим бозанд. Вале ин донишу тавонмандиҳои дахлдори ҷонибҳои манфиатдори маҳаллӣ ва ҳамкории наздики миёни мақомоти маҳаллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусиро талаб менамояд, ки ҳар яке аз онҳо масъулиятҳои возеҳу равшан таъйиншуда дошта бошанд.

Ҳамкории бомуваффақияти паст ва нарм кардани хатари офатҳои табиӣ пуштибонӣ аз талошҳои сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва минтақавиро тавассути иштирок ва мушорикати ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла агетиҳои марказии ҳукумат, мақомоти минтақавӣ ва маҳаллии ҳукумат, академия, созмонҳои ғайридавлатӣ (СҒД) ва ҷомеаҳои ҷалбшуда талаб менамояд.

Марказҳои Аарҳус ва марказҳои иттилооти ҷамъиятӣ оид ба муҳити зист метавонанд ҳамчун платформаҳои коммуникатсионӣ хидмат кунанд ва ҳамкориро миёни ҷонибҳои манфиатдори минтақаҳои Ташаббус оид ба муҳити зист ва амният тақвият диҳанд. Ин марказҳо аз ҷониби Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар чаҳорчӯбаи Ташаббус оид ба муҳити зист ва амният бо мақсади татбиқи Конвенсияи Комиссияи иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид барои Аврупо оид ба дастрас намудани иттилоот, иштироки ҷомеа дар раванди қабули қарорҳо ва дастрас будани адолати судӣ вобаста ба масъалаҳои муҳити зист (Конвенсияи Аарҳус) таъсис дода шудаанд. Ҳоло, шабака 60 Маркази Аарҳусро дар 14 кишвари сартосари минтақаи Ташаббус оид ба муҳити зист ва амниятро (Албания, Арманистон, Озарбойҷон, Беларус, Босния ва Ҳертсеговина, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Монтенегро, Сербия, Тоҷикистон, Туркманистон ва Украина) фаро мегирад.

Эҷоди тавонмандии Марказҳои Аарҳус ҷузъи таркибии барномаи кории Ташаббус оид ба муҳити зист ва амният дар тамоми минтақа аст: Осиёи Марказӣ, Аврупои Шарқӣ, Қафқози Ҷанубӣ ва Аврупои Ҷанубу Шарқӣ (АҶШ).

Тавассути тарғиб ва дар амал ҷорисозии принсипҳои асосии Конвенсияи Аарҳус — ҳуқуқ ба иттилоот,

1 Ташаббус оид ба муҳити зист ва амният соли 2003 аз ҷониби Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид ва Барномаи муҳити зисти СММ таъсис дода шудааст. Соли 2006, Ташаббус оид ба муҳити зист ва амниятро ду аъзои нави иловагӣ тақвият доданд – Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо ва Маркази минтақавии муҳити зист барои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ. Ташаббус оид ба муҳити зист ва амният дар чаҳор минтақа фаъол аст: Осиёи Марказӣ, Аврупои Шарқӣ, Қафқози Ҷанубӣ ва Аврупои Ҷанубу Шарқӣ.

2 Бештари вақтҳо фалокатҳо пайомади офатҳои табиӣ мебошанд. Шиддати ҳар фалокате аз дараҷаи таъсири он ба ҷомеа ва муҳити зист вобаста аст. Паст кардани сатҳи хавфи офат ба роҳ мондани талошҳои систематикии таҳлил намудан ва коҳиш додани омилҳои сабабии офатҳои табииро фаро мегирад. Паст кардани сатҳи таъсири хавфҳо, кам кардани осебпазирии одамон ва моликият, идоракунии оқилонаи замин ва муҳити зист, беҳсозии омодагӣ ва системаҳои огоҳсозии бармаҳал дар сурати рӯй додани ҳодисаҳои номусоид намунаҳои таҷрибаи паст кардани сатҳи хавфи офат мебошанд.

ба иштирок кардан ва дарёфт кардани дастрасӣ ба адолати судӣ — ва тавассути таъмин намудани платформаҳое, ки намояндагони мақомоти ҳокимияти миллӣ ва маҳаллӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва бахши хусусиро бо ҳам муттаҳид мекунанд, дар як қатор маконҳо Марказҳои Аарҳус ҳамчун воситаҳои огоҳсозии ҷамъиятии Ташаббус оид ба муҳити зист ва амният хидмат менамоянд.

Нақши Марказҳои Аарҳус барои ҷалби амалӣ ва саҳмгузории онҳо ҷиҳати паст кардани сатҳи хавфи офат имкониятеро эҷод менамояд. Ҳарчанд тавонмандиҳои воқеии марказҳои инфиродӣ аз ҳам фарқ мекунанд, маҷмӯи соҳаҳои мушаххасе ҳастанд, ки марказҳо метавонанд ба онҳо мутобиқи тавонмандиву коршиносии инфиродии худ тамаркуз намоянд. Таҷрибаи бадастомада аз ҳамкорӣ бо як қатор марказҳо ҳангоми татбиқи лоиҳаи Ташаббус оид ба муҳити зист ва амният "Тақвият додани тавонмандии Марказҳои Аарҳус ҷиҳати паст кардани сатҳи хавфи офат бо мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеаҳои маҳаллӣ", ки онро ҳукуматҳои Швейтсария ва Австрия пуштибонӣ кардаанд, нишон медиҳад, ки соҳаҳои муҳими ниёзманди таваҷҷуҳ омӯзиши ҷомеа ва таъмини амният мебошанд. Барои ҳамкориҳои бештари техникӣ дар мавриди паст кардани сатҳи хавфи офат фазои бештаре метавонад вуҷуд дошта бошад — махсусан, харитасозии хавфҳо, банақшагирии шаҳрӣ ва иштироки ҷомеа. Вале ҷалби марказҳо аз кишваре то кишвари дигар фарқ хоҳад дошт ва аз тавонмандиҳову сатҳи коршиносии ҳар як маркази инфиродӣ вобаста хоҳад буд.

Ин ҷузва (брошюра) Марказҳои Аарҳусро бо чашмандози васетаре дар атрофи паст кардани сатҳи хафи офат таъмин менамояд, ки бар таҷрибаи Ҷумҳурии Чех асос меёбад. Бар асоси эҳтиёҷоте, ки марказҳои инфиродӣ муайян кардаанд, таваҷҷуҳи бештар ба омӯзиш ва паҳнсозии иттилоот зоҳир хоҳад шуд.

# Сабақҳои асосии омӯхташуда

Дар доираи чаҳорчӯбаи лоиҳаи Ташаббус оид ба муҳити зист ва амният “Тақвият додани тавонмандии Марказҳои Аарҳус ҷиҳати паст кардани сатҳи хавфи офат бо мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеаҳои маҳаллӣ”, оид ба мудирияти паст кардани сатҳи хавфи офат дар ҷамоат, коммуникатсияи муносиб ва малакаҳои маълумотдиҳӣ барои Марказҳои Аарҳус ва дигар ҷонибҳои манфиатдор дар ҳафт кишвар ҳафт семинари миллии омӯзишӣ баргузор шудааст: Албания, Арманистон, Босния ва Ҳертсеговина, Қирғизистон, Молдова, Сербия ва Тоҷикистон. Бар асоси муҳокимаҳое, ки дар ҷараёни ин семинарҳо сурат гирифтаанд ва хулосаҳои баровардашуда, маҷмӯи сабақҳои омӯхташуда аз ҷониби Маркази минтақавии муҳити зист барои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ таҳия ва дар зер оварда шудааст.

## Системаҳои огоҳсозӣ ва пешгӯӣ

Системаҳои огоҳсозии бармаҳал ба пешгирии фалокатҳои нохуш ва коҳиши талафоти моддӣ саҳм мегузоранд. Чунин системаҳо бояд доимо фаъол бошанд (онлайнӣ 24/7) ва нишондиҳандаҳо бояд барои корбар муносиб ва ба осонӣ дастрас бошанд. Системаҳои муосир нишондиҳандаҳоро (нишондиҳандаҳои ҳам мониторинг ва ҳам пешгӯӣ) аз тариқи онлайн нашр мекунанд ва сомонаҳои интернетии дорои тарҳрезии ҳассос низ барои истифода дар дастгоҳҳои мобилӣ муносибанд. Аппликатсияҳои махсус барои телефонҳои ҳушманд интихобҳои дигари дар амал татбиқшавандаанд.

## Хадамоти наҷотдиҳии ҳамгирошуда

Ҳамгиросозии ҳамаи хадамоти наҷотдиҳӣ аҳамияти фавқулодда муҳим дорад. Таъсис додани чаҳорчӯбаи таъйини масъулиятҳои возеҳу равшан ва дорои сохтори возеҳи назорат ва идоракунӣ зарур аст. Баргузории давраҳои омӯзишӣ ба таври мунтазам хеле муҳиманд. Хадамоти наҷотдиҳии ҳамгирошудаи Ҷумҳурии Чехро маъмурони дастаи сӯхтонхомӯшкунӣ идора мекунанд, ки чорасозии хеле амалӣ ва самаранок будани худро исбот кардааст. Дастаҳои сӯхторхомӯшкунӣ асоси Хадамоти наҷотдиҳии ҳамгирошудаи Ҷумҳурии Чех буда, маъмурон ваколати идора намудани ҳамаи амалиёти наҷотдиҳиро доранд. Дастаҳои сӯхторхомӯшкунӣ барои ҳамаи вазифаҳои стратегӣ ва амалиётӣ мисли сохтани монеаҳои сайёри зидди обхезӣ масъуланд. Кори наҷотдиҳӣ низ андозаи иҷтимоӣ ва равонӣ дорад, ки дар он созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (СҶШ) нақши потенсиалӣ мебозанд.

## Қонунгузории муносиб

Бар ҷой доштани қонунгузории муносиб дар вазъияти офатҳои табиӣ муҳим аст, ки масъулиятҳои мақомоти маҳаллӣ ва Хадамоти наҷотдиҳии ҳамгирошударо муайян менамояд. Чунин қонунгузорӣ ба мақомоти маҳаллӣ имкон фароҳам меорад, ки барои бартарафсозии офати табиӣ ва канораҷӯӣ аз баъзе тартиботи стандартии маъмурӣ (масалан, тартиботи хариди ҷамъиятӣ) шаҳрвандонро ба тарки моликияти худ, истифодаи захираҳои хусусӣ (мошинҳо, мошинолоти сохтмонӣ) маҷбур кунанд. Қонунгузорӣ низ дар мавриди системаҳои пешгӯиву огоҳсозӣ ва банақшагирӣ масъулиятҳоро муқаррар менамояд.

## Банақшагирӣ ва банақшагирии шаҳрӣ

Дар сурати сар задани офатҳои табиӣ нақшаҳо бояд барои вокуниши сатҳи маъмурияти миллӣ ва маҳаллӣ таҳия шаванд. Чунин нақшаҳо бояд, масалан, масъулиятҳо, минтақаҳои тахти хатар қарордошта, захираҳои технологӣ ва системаҳои коммуникатсияро муайян намоянд.

Банақшагирии шаҳрӣ дар роҳнамоӣ ва таъмини амнияти рушди танзимшудаи нуқтаҳои аҳолинишин ва минтақаҳои шаҳрӣ нақши ниҳоят муҳим мебозад. Банақшагирии сатҳи маҳаллӣ бояд офатҳои табиии эҳтимолиро ба эътибор гирад ва тавсияҳои коршиносонро риоя намояд. Тавсияҳои асосӣ бояд дар қонунгузорӣ инъикос ёбанд. Дар аксари кишварҳои Аврупои Ҷанубӣ ва Шарқӣ, ҳадди ақал, ҷалби ҷомеа ба банақшагирии шаҳрӣ дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст, аз ин рӯ, минбаъд тақвият додани нақши пешбинишудаи онҳо бамаврид хоҳад буд.

## Ҳамкории байналмилалӣ

Оид ба паст кардани сатҳи хавфи офат чанд механизме таъсис дода шудааст, ки бар минтақаҳои ҳавзаи дарё асос меёбанд. Ин рӯйкард бо сабаби хусусияти гуногуни геоморфология ва гидрологияи Аврупо маънии бештар дорад. Дар аксари системаҳои муҳим, ки Ҷумҳурии Чех низ дар онҳо иштирок кардааст, механизмҳои ҳавзаи дарёби Дунай ва Элбаро дар бар мегиранд (http://www.ceframe.eu).

## Таълим (омӯзиш) ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ

Мубодилаи иттилоот ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, якҷоя бо таълим дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, паст кардани сатҳи хавфи офат соҳаҳои асосӣ мебошанд. Чунин фаъолиятҳо ба пешбарӣ намудани иштироки ҷомеа дар ҷараёни қабули қарорҳо кӯмак расонида, ниҳоят самти рушд ва вазъияти муҳити зистро муайян мекунанд.

Марказҳои Аарҳус ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар маҷмӯъ метавонанд дар дастгирии иштироки ҷомеа, таълим ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ тавассути истифодаи воситаҳое мисли китобчаҳо, сомонаҳои интернетӣ ва тренингҳо нақши хеле муҳим бозанд. Интиқоли байналмилалии иттилооти илмӣ-техникиро (ноу-ҳау) низ тавассути созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва Марказҳои Аарҳус метавон тақвият дод.

# Таҷриба аз Ҷумҳурии Чех: ҳимоят ва пешгирӣ

Ҷумҳурии Чех муддати тӯлонӣ аз иқлими хеле муътадил баҳраманд буд. Бо сабаби мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, рӯй додани офатҳои назарраси табиие мисли заминлағжиҳои бузург пешбинӣ намешаванд. Вале кишвар ба заминлағжиҳои хурд, заминҷунбиҳо, хуруҷи вулқонҳо ва тӯфонҳои шадид осебпазир аст. Ҳарчанд ба кишвар обхезиҳо зарба задаанд, ба шарафи шароитҳои ҷуғрофӣ ва гидрологӣ, чунин обхезиҳо дар миқёс майли муътадил дошта, то замони охир, хавфҳои ҷиддиро ба бор наовардаанд. Нахустин даъвати огоҳкунанда соли 1997 ба вуқӯъ пайваст, вақте обхезии ғайричашмдошт ва фавқулодда шадид ба Моравия, қисми шарқии Ҷумҳурии Чех, зиён расонд. Бо сабаби набудани системаҳои мониторинг ва огоҳсозии бармаҳал, сарфи назар аз зикри набудани нақшаҳо, тартибот, масъулиятҳои равшан, техникаҳои тасдиқшуда ва кормандони соҳибмаълумот, амалиёти наҷотдиҳӣ фаъолиятҳои гуногунро фаро мегирифт, ки онро артиши Ҷумҳурии Чех роҳнамоӣ мекард. Возеҳ шуд, ки силсилаи зиёди тартибот, нақшаҳо ва тадбирҳо дар шакли ҳуҷҷатҳо, вале на дар амал, вуҷуд доштанд. Талафоти бузурги моддӣ ва ҳатто талафоти ҷонӣ таваҷҷуҳи ҳукумат ва мақомоти минтақавиро ба ин масъала ҷалб намуд ва ба қонунгузорӣ тағйирот ворид карда шуд.

Одамоне, ки берун аз пойтахти Ҷумҳурии Чех умр ба сар мебаранд, иддао доранд, ки ҳеҷ чизе наметавонад дар муқоиса бо обхезиҳое, ки Прагаро фаро гирифтаанд, фаъолиятҳои пешгирии обхезиро самаранoктар тақвият диҳад. Ин обхезӣ воқеан соли 2002 рӯй дод, ки ҳатто зерсохтори дорои аҳамияти ҳаётан муҳимтар таҳти таъсири ҷиддӣ қарор гирифт. Дар натиҷаи зиёни ҷиддии боғи ҳайвоноти Прага, системаи метро ва истгоҳи обтозакунӣ (бидуни зикри таҳти таъсири обхезӣ қарор гирифтани муассисаҳои ҳукуматие, ки дар соҳили дарё ҷойгир буданд), тадбирҳову сиёсатҳои мубориза бо обхезӣ дарҳол ба афзалияти олӣ табдил ёфт.



Сарчашма: Ян Стейскал, 2002 (Прага)

# Тағйироти зарурӣ

Сабақҳои омӯхташуда, тавре дар боло инъикос ёфтааст, ба қабули тағйироти зарурии қонунгузорӣ натиҷа доданд (тағйироту иловаҳои асосӣ байни солҳои 2000 ва 2003 ворид шудаанд). Тадбирҳои вобаста ба банақшагирӣ, тақсимоти масъулиятҳо, коммуникатсия ва пешгирӣ андешида шуданд.

## Тағйироти асосии қонунгузорӣ – Ҳолатҳои фавқулодда

Бар асоси таҷрибаи байналмилалӣ, қонунгузории нави Ҷумҳурии Чех ду ҳолати фавқулоддаро муайян менамояд: вазъияти хатар; ва вазъияти фоҷиа.

### Вазъияти хатар

Вазъияти хатарро намояндаи (*ҳейтман* ё ҳоким) ягон 14 минтақаи Ҷумҳурии Чех метавонад эълон кунад. Мақсади асосии он мусоидат намудан ба тартиботи маъмурие мисли ба иҷора гирифтан ё харидани таҷҳизот аст. Ҳолати фавқулодда маъмулан вақте эълон мешавад, ки офати табиӣ як минтақаро пахш кардааст, вале мақомоти минтақавӣ барои бартараф намудани вазъият комилан қодиранд. Вале дар сурати рӯй додани обхезӣ, вазъияти хатарро дар минтақаҳои ҳамсоя метавон эълон кард.

### Вазъияти фоҷиа

Вазъияти фоҷиа аз ҷониби ҳукумат вақте эълон карда мешавад, ки ба тамоми кишвар ё чанд минтақаи он офати табиии ҷиддӣ зарба мезанад ва амалиёти бетаъхири бузургмиқёс зарур аст. Ғайр аз мусоидат намудан ба тартиботи маъмурӣ, вазъияти фоҷиа низ баъзе ҳуқуқҳои шаҳрвандиро бозмедорад ё маҳдуд мекунад. Бар асоси сабақҳои омӯхташуда аз солҳои 1997 ва 2002, мақомот бояд ҳуқуқ дошта бошанд то шаҳрвандонро ба тарки минтақаи таъсирпазируфта маҷбур кунанд ва ҳуқуқ доранд моликияти хусусие мисли мошинҳо ва мошинолоти вазнини сохтмониро истифода баранд. Вазъияти фоҷиаро ба муддати ҳадди аксари 30 рӯз метавон эълон кард, ки баъд аз он тасдиқи Парлумон зарур аст. Вазъияти фоҷиаро Парлумон дар муддати давраи 30-рӯза метавонад қатъ намояд.

## Тағйироти асосии қонунгузорӣ – Банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозӣ

Қонунгузорие, ки ба тозагӣ қабул шудааст (1997-2012), барои бартараф намудани ҳолати офатҳои табиӣ сохторҳои стратегӣ, тактикӣ ва амалиётиро муқаррар менамояд. Ҳарчанд мақомот, масъулиятҳо ва вазифаҳои чунин мақомот тафовут доранд, якҷоя онҳо системаи мантиқиеро эҷод менамоянд, ки ҳангоми обхезии шадиди соли 2013 бомуваффақият озмуда шуданд.

### Шӯроҳои ҳолати фавқулодда

Шӯроҳои ҳолати фавқулодда ташкил шудаанд, ки аз системаи мақомоти ҳукуматии дар чанд сатҳ фаъолиятдошта иборат буда, ҳам бо офатҳои табиӣ ва ҳам антропогенӣ сарукор доранд. Вазифаҳои онҳо мутобиқи сатҳи онҳо фарқ доранд.

- **Шӯрои ҳукуматии ҳолати фавқулодда**
  Шӯрои ҳукуматии ҳолати фавқулодда дар сатҳи баландтарин фаъолият намуда, аз сарвазир ва вазирони интихобшуда иборат аст. Онҳо масъули иҷрои вазифаҳои амниятии сатҳи баланд мебошанд (ҳам низомӣ ва ғайринизомӣ ё иктишофӣ).

- **Мақомоти марказии мубориза бо офатҳои табиӣ**
  Вобаста ба вазъияти муайян раиси ин мақомоти стратегиро сарвазир таъйин менамояд. Раиси ин мақомоти муқарраран вазири корҳои дохилӣ ё вазири мудофиа аст. Ҳангоми рӯй додани ҳолатҳои фавқулодда ё офатҳои табиӣ мақоми марказӣ ҳамаи фаъолиятҳоро ҳамоҳанг менамояд.

- **Шӯроҳои фавқулоддаи минтақавӣ ва ҳавзавӣ**
  Инҳо мақомоти стратегӣ ва машваратӣ мебошанд, ки дар сатҳи минтақавӣ ё ҳавзавӣ кор мекунанд.

- **Мақомоти минтақавӣ ё ҳавзавии мубориза бо офатҳои табиӣ**
  Раиси ин мақомоти стратегиро *ҳейтман* (намояндаи минтақавӣ ё ҳоким) таъйин менамояд. Ин саридора ҳангоми сар задани ҳолатҳои фавқулодда ё офатҳои табиӣ дар сатҳи минтақавӣ ё ҳавзавӣ ҳамаи фаъолиятҳоро ҳамоҳанг менамояд.
- **Мақомоти мунисипалии мубориза бо офатҳои табиӣ**
  Ин саридора дар сатҳи мунисипалӣ фаъолият менамояд ва аз ҷониби мири шаҳр (ё деҳа) таъсис дода мешавад.

## Кумитаҳои мубориза бо обхезӣ

Системаи шӯрои фавқулодда кумитаҳои ихтисосиеро дар бар мегирад, ки ба вазифаҳои амалии марбут ба офатҳои табиии муайян тамаркуз менамоянд. Дар шароитҳои Ҷумҳурии Чех беҳтарин ниҳоди рушдкарда миёни чунин кумитаҳо кумитаи мубориза бо обхезист. Дар сурати офатҳои табиии ҷараёндошта ин кумитаҳо ба пешгирӣ, банақшагирӣ, мониторинг, огоҳсозии бармаҳал ва ҳамоҳангсозии стратегӣ масъуланд. Сохтор аз панҷ сатҳ иборат аст:

- **Кумитаи марказӣ** (Вазорати муҳити зист дар ҳамкорӣ бо Вазорати корҳои дохилӣ, ки онро вазири муҳити зист раисӣ мекунад)
- **Кумитаҳои минтақавӣ** (аз ҷониби *ҳейтман* ё намояндаи минтақавӣ раисӣ мешавад)
- **Кумитаҳои ҳавзавӣ**
- **Кумитаҳои шаҳрӣ** (аз ҷониби мири шаҳр раисӣ мешавад)
- **Кумитаҳои мунисипалӣ** (шаҳрҳо ё деҳоти хурд кумитаҳое доранд, ки аз ҷониби кумитаи муносиби ҳавзавӣ роҳбарӣ мешаванд)

Мутобиқи сатҳи муайяни худ, ин кумитаҳо дар банақшагирӣ ва пешгирӣ нақши назаррас мебозанд. Ҳангоми рӯй додани офати табиӣ ин кумитаҳо нақши стратегӣ мебозанд. Дар сатҳи мунисипалӣ нақши онҳо қисман тактикӣ мебошад, чунки вазифаҳои амалиётӣ масъулияти Хадамоти наҷотдиҳии ҳамгирошуда буда, аз ҷониби дастаи сӯхторхомӯшкунандагон идора мешаванд.

## Хадамоти наҷотдиҳии ҳамгирошуда

Яке аз муҳимтарин сабаққои омӯхташуда аз обхезии соли 1997 дар Ҷумҳурии Чех ин буд, ки тамоми амалиёти наҷотдиҳӣ бояд аз як нуқтаи фармондиҳӣ ҳамоҳанг шаванд. Омода нигоҳ доштани як сохтори возеҳу самараноки фармондиҳӣ ва коммуникатсонӣ ҳаётан муҳим аст, ки бояд пеш аз рӯй додани офати табиӣ таъсис дода шавад. Бар асоси таҷрибаи соли 1997, ин ба ҳамгиросозии ҳамаи хадамоти наҷотдиҳӣ ва мақомоти ҳамоҳангсозӣ ба як Хадамоти наҷотдиҳии ҳамгирошуда натиҷа додааст.

### Ҷузъҳои асосии Хадамоти наҷотдиҳии ҳамгирошуда:

- Дастаҳои сӯхторхомӯшкунӣ (касбӣ ва ихтиёрӣ)
- Хадамоти наҷотдиҳии тиббӣ ва хадамоти наҷотдиҳӣ бо воситаи чархбол
- Полиси давлатӣ

### Ҷузъҳои иловагии Хадамоти наҷотдиҳии ҳамгирошуда:

- Артиши Ҷумҳурии Чех (қӯшунҳои интихобшуда)
- Полиси шаҳр
- Хадамоти мудофиаи шаҳрвандӣ
- Дигар созмонҳои мунисипалӣ ва касбӣ (хадамоти ҳолатҳои фавқулодда ва ғайра)
- Созмонҳои ғайридавлатӣ

Мақомоти фармондеҳи ҳамаи сатҳҳо дастаҳои сӯхторхомӯшкунандагони касбӣ мебошанд, ки сохтори худии фармондеҳӣ ва коммуникатсионӣ доранд (дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ). Нуқтаҳои фармондеҳии дастаи сӯхторхомӯшкунандагон масъули иҷрои ҳамаи вазифаҳои тактикӣ ва амалиётӣ мебошанд.




Сарчашма: Ҳуго Чарват, 2013 (Ҷумҳурии Чех)

Афсарони дастаи сӯхторхомӯшкунандагон ба идора кардани амалиёти наҷотдиҳӣ ва ҳамоҳангсозии Хадамоти наҷотдиҳии ҳамгирошуда ваколатдоранд.




Сарчашма: Деник/Мартин Дивишек, 2013 (Ҷумҳурии Чех)

Афсарони дастаи сӯхторхомӯшкунандагон барои нигоҳдорӣ ва истифодаи ҳамаи лавозимот ва механизмҳои махсуси техникии муҳофизатӣ масъуланд.

# Пешгирии обхезӣ (сел)

## Банақшагирии стратегӣ

Дар мавриди қудрати муқовимати шаҳр муниципалитетҳо ба таҳия намудани лоиҳаи нақшаҳои шаҳр ва нақшаҳои рушд шурӯъ ва минтақаҳои обхезиро (яъне, минтақаҳое, ки бо дараҷаҳои гуногуни обхезӣ зери об мемонанд) муайян карданд.




Илова бар харитаҳое, ки минтақаҳои таҳти хавф қарордоштаро нишон медиҳанд ва бар асоси ҷамъоварии иттлоот ва моделсозии он таҳия мешаванд, тақя кардан бар таҷрибаи сокинони маҳаллӣ, махсусан дар сатҳи муниципалӣ ва деҳот муфид аст.

Маҳалҳои аҳолинишини куҳнаи деҳот, осиёбҳо ва фермаҳо ё вақте сохта шудаанд, ки хавфи обхезӣ вуҷуд надошт ё ҳар ҷое чунин хавф вуҷуд дошт, тавре сохта шудаанд, ки зиён ба ҳадди камтарин расонида шавад (масалан, осиёбҳо дарозрӯя, мутавозӣ бо дарё, дорои дарҳои бузурге аз ҳар ду тарафи ошёнаи якум сохта мешуданд, ки истисноан ҳамчун анбор ба кор мерафтанд).

Сарчашма: Павел Чинчера, 2015 (Минтақаҳои обхезӣ)

Вазорати муҳити зист ва Институти таҳқиқоти об ба номаи Т. Г. Масарик барои ҷамъоварии иттилоот ва таҳияи харитаҳои минтақаҳои обхезӣ масъуланд.[3] Сарчашмаҳои асосии иттилоот мақомоти об ва

3 http://www.dibavod.cz/70/prohlizecka-zaplavovych-uzemi.html

мунисипалитетҳо мебошанд. Ин харитаҳои расмӣ барои пешгирӣ ва банақшагирии шаҳрӣ истифода мешаванд ва тариқи онлайн ба осонӣ дастрасанд. Мунисипалитетҳо низ метавонанд харитаҳои рақамӣ ва иттилооти тасдиқшударо аз институти таҳқиқоти об ба даст оранд.

Тренингҳо ва моделсозиҳо ҷузъи назарраси ҳар гуна банақшагирии стратегӣ мебошанд, чунки онҳо ба муайянсозии унсурҳои маҳдудкунанда ва чолишҳои эҳтимолӣ кӯмак мерасонанд ва коммуникатсияву ҳамоҳангсозиро миёни ҷонибҳои асосии манфиатдор тақвият медиҳанд. Ба шарофати машқи серӯзаи бунгоҳи фармондеҳии BLACKOUT 2014, ки шаҳрдории Прага ташкил кардааст, чанд чолиш муайян ва тавассути нақшаи таҷдидшудаи офати табиӣ (масалан, ҷадвали интиқоли одамоне, ки аз системаҳои таъмини ҳаёт вобастаанд, ба бемористонҳои наздиктарин, шабакаи захиравии коммуникатсионӣ ва ғайра) бартараф шудаанд.

## Пешгирии васеътар

Пешгирии васеътар бар тадбирҳои стратегие асос меёбад, ки масалан, дар системаҳои ҳифзи табиат, идоракунии устувори ҷангал ва эҳёи ҷараёнҳои об инъикос ёфтаанд. Бо мақсади муваффақ будан, пешгирии васеътар махсусан таълими муносибро талаб менамояд. Гурӯҳҳои мавриди ҳадаф мунисипалитетҳо, мақомоти маҳаллӣ ва минтақавӣ ва доираи васеи ҷомеаро дар бар мегиранд.

Маҷрои табиии дарё ё маҷрои дарёи воқеъ дар шароитҳое, ки бо вазъи табиӣ монанд аст, ба обхезӣ комилан чандир аст. Аз ин рӯ, як қатор тартиботи ҷамъиятӣ дубора мутобиқшавии табиӣ — яъне барқарорсозии вазъияти табиимонанди маҷроҳои дарёҳо ва ҷараёнҳои обро дастгирӣ менамоянд. Бо вуҷуди ин, таълими васеъ бо мақсади бовар кунонидани мақомоти деҳоту шаҳр ҷиҳати интихоби дубора мутобиқкунии табиии дарёҳову рӯдҳо, вале на сохтани сохторҳои мушаххас зарур аст.



Сарчашма: кӯҳҳои Ҷизерске: Маҷрои табиии дарё. Франтишек Пелк, АОРК, 2016


Пеш аз татбиқи лоиҳа (Сарадис)


Баъди татбиқи лоиҳа (Сарадис)

Идораи замини давлатӣ дар пешгирии васеътари обхезӣ нақши махсус мебозад. Илова бар масъулиятҳои дигар (пуштибонӣ аз мудирияти оқилонаи замин аз ҷониби заминдорон, ҳифзи заминҳои кишоварзӣ, таъмин намудани дастрасӣ ба замин, ҳифзи табиат ва дастгирии шароитҳои беҳтари зисту зиндагӣ дар минтақаҳои деҳот), ин муассиса масъулияти идоракунии обро дар Ҷумҳурии Чех бар ӯҳда дорад. Бо дарназардошти он, ки тақрибан 50 дарсади заминҳои кишоварзии Ҷумҳурии Чех осебпазир маҳсуб мешаванд, мақсад аз ин муҳофизат кардани манзараҳои табиат ва деҳот аз таъсири номусоиди обхезист. Илова бар мониторинги идоракунии об, ин муассиса як қатор лоиҳаҳоеро татбиқ менамояд, ки мақсади онҳо афзоиш додани қобилияти муқовимати табиии манзараҳои табиат аст.

Сарчашма: Идораи замини давлатӣ, Ҷумҳурии Чех, 2016

## Банақшагирии тактикӣ ва амалиётӣ

Ҷараёни қабули қарорҳо ва банақшагирии марбут ба масъулиятҳо ва мақомоти муносиби иҷроия бояд ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла кумитаҳои пешгирии обхезӣ, мунисипалитетҳо, созмонҳои ғайридавлатӣ ва намояндагони Хадамоти наҷотдиҳии ҳамгирошударо ҷалб намоянд. Коммуникатсияи кушода ва иштироки ҷомеа дар ҷараёни банақшагирӣ ҳалкунанда мебошад. Аз ин рӯ, Марказҳои Аарҳус барои дастгирӣ ва таъмин намудани иштироки пурраи ҷомеа дар раванди банақшагирӣ нақши возеҳ доранд.

Раванди банақшагирӣ бояд ба нақшаҳои муносиби бартарафсозии офатҳои табиӣ , тадбирҳои техникӣ, нигоҳдории мошинолоти зарурӣ ва таҳияи харитаҳои татбиқпазир натиҷа диҳад. Нақшаҳои бартарафсозии офатҳои табиӣ одатан аз се қисм иборатанд:

- **Қисми техникӣ**, ки минтақаҳои обхезӣ, иншоотҳои дорои аҳамияти ҳаётан муҳим, иншоотҳое, ки фавқулодда осебпазиранд, минтақаҳо ва иншоотҳое, ки ҳифз хоҳанд (ё нахоҳанд) шуд ва ҷанбаҳоеро муайян менамояд, ки чӣ гуна ва дар кадом сатҳи хавф муҳофизат амалӣ хоҳад шуд.
- **Қисми ташкилӣ**, ки масъулиятҳои институтсионалӣ ва шахсӣ, системаҳои фармондиҳӣ ва назорат, воситаҳои коммуникатсия ва додани иттилооти тамос ба шахсони масъулро тавсиф менамояд.
- **Харитаҳо**, ки ҳамаи минтақаҳову иншоотҳои дар қисми техникӣ зикршударо (минтақаҳои обхезӣ, минтақаҳои дорои хавфи баланд, иншоотҳои дорои аҳамияти ҳаётан муҳим, нуқтаҳои эвакуатсия ва ғайра) нишон медиҳанд.

# Таҷриба аз Ҷумҳурии Чех:
# Офатҳои давомдор ва масъулиятҳо

## Огоҳсозӣ (системаҳои огоҳсозии бармаҳал, масъулиятҳо)

Системаи самараноки огоҳсозии бармаҳал барои маҳдуд намудани талафоти моддӣ ва бартараф кардани талафоти ҷонӣ аҳамияти ҳаётӣ дорад. Набудани системаҳои амалкунандаи огоҳсозии бармаҳал дар Ҷумҳурии Чех дар сурати обхезиҳои бузурги солҳои 1997 ва 2002 ба талафоти васеи моддӣ ва ҳатто талафоти ҷонӣ натиҷа додааст. Дар ҷараёни обхезии соли 1997 дар Монровия, одамон дохили хонаҳои худ монданд ва бо чархболҳои артиши Ҷумҳурии Чех наҷот додани онҳо лозим омад. Вазъият дар Прага соли 2002 бенизом буд ва мири шаҳри Прага танҳо чанд соат пеш аз об пур шудани метрои Прага иддао мекард, ки "Вазъият хуб аст".


(Прага – Пеш аз обхезӣ)


(Прага – Пеш аз обхезӣ)

Сарчашма: Павел Чинчера, 2002


(Прага – Баъд аз обхезӣ)


(Прага – Баъд аз обхезӣ)


(Прага – Баъд аз обхезӣ)

Ин дарсҳои омӯхташуда гаронбаҳо буданд. Аз он замон ба баъд, системаи ҳамаҷонибаи онлайнии мониторинг ва огоҳсозии бармаҳал таҳия шуда, мавриди амал қарор гирифтаанд. Институти гидрометеорологии Ҷумҳурии Чех, ки институти махсусгардонидашудаи Вазорати муҳити зист аст, барои системаи мониторинг ва огоҳсозии бармаҳал ва фиристодани бонги хатар масъул аст. Ҳамаи гузоришҳои мониторинг ва натиҷаҳои системаи огоҳсозии бармаҳал тариқи онлайн дастрас буда, ҳамаи шаҳрвандон ва муниципалитетҳои хурд ба иттилоот дастрасии мустақилона доранд ва метавонанд тадбирҳои муносиб андешанд.




Системаи мониторинг ва огоҳсозии бармаҳал тӯли вақти воқеӣ пайваста фаъол ва тариқи онлайн дастрас аст. Ин система барои корбурд муносиб буда, шаклҳои графикии соддаро истифода мебарад ва иттилоотеро таъмин менамояд, ки ҳар 30 дақиқа таҷдид мешавад. Система тамоми кишварро фаро гирифта, дар ҳар як дарё истгоҳҳои назоратӣ насб шудаанд.

Сарчашма: Павел Чинчера, 2015 (Минтақаҳои обхезӣ)




Азбаски обхезӣ муқарраран ба тамоми ҳавзаи дарё таъсири манфӣ мерасонад, фарорасии обхезӣ бояд аз дурнамои минтақавӣ мавриди назорат қарор гирад. Ҳарчанд системаи мониторинг ва огоҳсозии бармаҳал хуб кор мекунад, он маҳдудиятҳое низ дорад, ки бояд дар назар гирифта шавад. Масъалаҳо метавонанд дар қитъаи болооби дарё ба вуҷуд оянд, ки обхезӣ аз он ҷо метавонад хеле зуд рӯй дода, барои татбиқи тадбирҳои муносиб ба мақомоти маҳаллӣ вақти хеле маҳдуд боқӣ гузорад.

Сарчашма: Павел Чинчера, 2015 (Минтақаҳои обхезӣ)




Истгоҳҳои инфиродӣ дар бораи сатҳ ва ҳаҷми об маълумот дода, ба истифодабарандагон имкон фароҳам меоранд, ки вазъияти кунуниро бо вазъиятҳои гуногуни таҳдид муқоиса кунанд ва пешгӯии соддаеро барои соатҳои оянда низ таъмин намоянд. Ҳамаи иттилоот дар шакли графикӣ, ҷадвалҳо ва диаграммаҳои содда пешниҳод шуда, ба истифодабарандагоне, ки мутахассисони соҳаи гидрология нестанд, дар бораи вазъияти кунунӣ ва хатарҳои эҳтимолӣ маълумоти муносиб ва фаврӣ медиҳанд.

Сарчашма: Павел Чинчера, 2015 (Минтақаҳои обхезӣ)

Ҳарчанд системаи мониторинг ва огоҳсозии бармаҳал, ки дар боло тавсиф шудааст (пурра аз ҷониби Иттиҳодияи Аврупо маблағгузорӣ шудааст), ба пешрафти муҳим натиҷа додааст, огоҳсозии бармаҳал дар мавриди хуруҷи якбораи обхезиҳо ҳанӯз ҳам проблемавӣ аст. Ҷиҳати қодир будан ба таъмини огоҳсозии бармаҳал дар чунин ҳолатҳо, Институти гидрометеорологии Ҷумҳурии Чех ду радари муосири бориши боронро сохтааст, ки тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Чех ва минтақаҳои сарҳадии онро фаро мегиранд. Радарҳо соли 2015 пурра муосирсозӣ шудаанд ва ҳоло силсилаи васеи хадамоти онлайнии мониторинг ва пешгӯиро таъмин менамоянд, ки тавассути интернет ба осонӣ дастрасанд. Аппликатсияи соддаи мобилӣ низ ба таври ройгон дастрас аст.




Суратнаворе аз телефони ҳушманд (соати 17:00 дар таърихи 11-уми декабри 2015) миқдори кунунии боришҳо ва боронро дар Ҷумҳурии Чех ва шимолу шарқии Олмон нишон медиҳад.

Моделсозии соддае фарорасии ҳавои борониро нишон медиҳад. Рамзбандии соддаи ранга шиддати боришҳоро нишон медиҳад.

Хидматрасонӣ ва апликатсия ба таври ройгон дастрас аст.

Сарчашма: Павел Чинчера, 2015

## Коммуникатсия

Коммуникатсия чунин ҷанбаҳоро дар бар мегирад:

1) Коммуникатсияи амалиёти миёни мақомот (мунисипалитетҳо, Хадамоти наҷотдиҳии ҳамгирошуда ва ғайра), ки дар нақшаҳои бартарафсозии офатҳои табиӣ тавсиф шудааст.

2) Коммуникатсия ва табодули иттилоот миёни мақомот ва шаҳрвандони минтақаҳои зарардида, ки асосан чараёни таъмини иттилоотро аз мақомот ба шаҳрвандон фаро мегирад (дастурамалҳо, бонги хатар, маълумот дар бораи нуқтаҳои эвакуатсия, ёрии башардӯстона ва ғайра). Воситаҳои гуногун, аз ҷумла баландгӯякҳо ва сиренаҳо дар кӯчаҳо, паёмҳои матндор, Интернет ва пахши барномаҳои радиоӣ истифода мешаванд.

3) Иттилооте, ки аз ҷониби мақомот ба шаҳрвандони аз офатҳои табиӣ зарарнадида (иттилоот дар бораи вазъияти кунунӣ, маҳдудиятҳо, дастурамалҳо ва ғайра), ки тавассути воситаҳои ахбори омма (рӯзномаҳо, телевизион, барномаҳои радиоӣ, интернет) пахш мешаванд.

## Эвакуатсия ва наҷотдиҳӣ

Хадамоти эвакуатсия ва наҷотдиҳӣ аз ҷониби Хадамоти наҷотдиҳии ҳамгирошуда расонида мешавад. Азбаски системаҳои пешгирӣ ва огоҳсозии бармаҳал хеле рушдкарда мебошанд, зарурати наҷотдиҳӣ аз норасоии онҳо бармеоянд. Видеоҳое, ки ҷараёни аз ҷониби чархболҳои артиш эвакуатсия шудани одамонро аз рӯи бомҳояшон нишон медиҳанд, далелеро баён менамоянд, ки банақшагирии беҳтар зарур буд ва мутаассифона, огоҳсозиҳо нокифоя буданд.

## Ёрии башардӯстона

Нахустин ёрии башардӯстонаро одатан мақомоти маҳаллӣ ё минтақавӣ дар ҳамкорӣ бо созмонҳои ғайридавлатии башардӯстона таъмин мекунанд. Кӯмак дар марказҳои эвакуатсия (одатан мактабҳо) тақсим мешавад, ки дар он ҷойҳо одамон бо оби ошомиданӣ, хӯрок, либоси гарму кӯрпа ва ҳангоми зарурат, лавозимоти гигиенӣ ва санитарӣ таъмин карда мешаванд. Вақте масъалаҳои оҷилтарин бартараф шуданд ва одамон қодиранд ба хонаҳои худ баргарданд, барномаҳои иҷтимоӣ

ва расонидани кӯмак бо кори барқарорсозӣ заруранд. Таҷрибаи Ҷумҳурии Чех нишон додааст, ки табобати равонӣ дар ин марҳила зарур нест. Вале таъмини машварат тӯли марҳилаҳои баъдтар бо мақсади бартарафсозии иллатҳои эҳтимолии баъди осеб, ки нишонаҳои онҳо тӯли чанд соли баъд аз расидани таъсири офати табиӣ ба хонаҳояшон мушоҳида шудаанд, сахт тавсия дода мешавад.

## Амният ва барқарорсозӣ

Баробари ба поён расидани офати табиӣ амният ба масъалаи муҳим табдил меёбад. Тадбирҳои дуруст татбиқшудаи амниятӣ метавонанд ба одамон кӯмак расонанд то бовар кунанд, ки онҳо метавонанд хонаҳои худро бе тарси ғорат шуданашон тарк намоянд ва ин эвакуатсияро осонтар мекунад. Тадбирҳои дурусти амниятӣ низ пеш аз оғози корҳои барқарорсозӣ ва бозсозӣ муҳиманд. Амниятро одатан полис дар ҳамкорӣ бо мақомоти дигаре мисли артиш ё полиси мунисипалӣ таъмин менамояд, дар ҳоле ки дар баъзе мавридҳо ширкатҳои зерпудратии хусусии амниятиро метавон кор фармуд. Дастурамалҳои дақиқ заруранд, ки муайян менамоянд то кормандони амниятӣ дар вазъияти мавҷудияти хатар ба тандурустӣ (аз оби ифлосшуда, сироят ва ғайра) чӣ гуна рафтор кунанд.

Кори барқарорсозӣ дарҳол пас аз офати табиӣ оғоз мешавад. Афзалиятҳо ва воситаҳо дар нақшаҳои бартарафсозии офати табиӣ тавсиф шудаанд, ки хоси ҳар як минтақа аст. Хонаҳои хусусӣ одатан аз ҷониби соҳибонашон бо маблағгузории ширкатҳои суғуртавӣ бозсозӣ мешаванд. Сиёсати суғурта метавонад дар баъзе кишварҳо ё минтақаҳое, ки суғуртаи тиҷоратӣ дастрас нест, проблема бошад. Дар чунин мавридҳо, пуштибонии ҳукумат зарур аст ва сиёсатҳои баъдии ҳукуматӣ ё минтақавӣ бояд таҳия шаванд.

## Ёрии иҷтимоӣ

Ғайр аз барномаҳои стандартии иҷтимоӣ барномаҳои мушаххаси ҳукуматие, ки минтақаҳои аз офати табиӣ зарардидаро дастгирӣ мекунанд, метавонанд нақши муҳим бозанд. Барномаҳои минтақавӣ ё маҳаллии иҷтимоиро низ дар нақшаҳои бартарафсозии офати табиӣ метавон тавсиф кард, ки мақсади онҳо ҳадди имконпазир зудтар ба вазъияти муқаррарӣ баргардонидани ҳаёт дар минтақаҳои зарардида мебошад. Ёрии равонӣ дар марҳилаи барқарорсозӣ ва баъдтар ҳаётан муҳим аст. Таҷрибаи Ҷумҳурии Чех нишон медиҳад, ки чунин кӯмакро мутахассисони аз ҷониби дастаи сӯхторхомӯшкунӣ ё созмонҳои ғайридавлатӣ кирошуда метавонанд таъмин намоянд. Дар ёд бояд дошт, ки мутобиқи таҷриба ва омори Ҷумҳирии Чех, сатҳи худкушӣ то ду соли баъд аз рӯй додани офати табиӣ афзоиш меёбад.

# Таҷриба аз Ҷумҳурии Чех:
# Деворҳои зидди обхезӣ ва монеаҳои сайёр


Сарчашма: ЭКО-СИСТЕМ, 2015

Монеаҳои сайёре, ки ширкати чехии ЭКО-СИСТЕМ (EKO-SYSTEM) истеҳсол мекунад, барои муҳофизат намудани шаҳрҳои чехӣ васеъ истифода мешаванд. Технологияи ЭКО-СИСТЕМ сохтмони девори сайёри амудии дорои дарозии гуногунро фаро мегирад, ки қодир аст мавҷи обхезиро гардонад. Система аз ду қисми асосӣ иборат аст: таҳкурсии доимии мустаҳкам; ва монеаҳои сайёр. Девори зеризаминӣ минтақаро аз оби зеризаминӣ муҳофизат менамояд, ки дар як замон бо сатҳи обхезӣ меафзояд. Ғафсии ин девор аз таҳкурсии сангӣ ва баландии интизорравандаи монеа вобаста аст. Унсурҳои доимии монеаи сайёр арматураҳои девори зеризаминиро таҷассум менамоянд: самтнамоҳои паҳлӯӣ, тахтачаҳои лангардор ва нишастгоҳҳои пасти дарвоза. Самтнамоҳои паҳлӯӣ барои ба сохтори доимӣ насб кардани монеаҳои сайёр истифода мешаванд. Тахтачаҳои лангардор барои насб кардани сутунҳои сайёр истифода мешаванд (ҳамчун соҳилҳои сайёр маъруфанд). Миёни тахтачаҳои лангардор мумкин аст остонаҳои оҳанӣ ё сангӣ ё сатҳи ҳамворе бошад, ки рӯи онҳо ғӯлачӯбҳои уфуқии боздоранда насб карда мешаванд. Ҳамаи унсурҳои доимӣ аз оҳани баландсифати тобовар ба занг сохта мешаванд. Бештари вақтҳо монеаҳои сайёрро дар рӯи девори мустаҳками мавҷуда ҷойгир мекунанд, ки муҳофизати табииро аз обхезӣ таъмин менамояд.

## Конструксияи девори зидди обхезӣ


Сарчашма: ЭКО-СИСТЕМ, 2015

Унсурҳои монеаҳои сайёр соҳилҳои сайёр, ғӯлачӯбҳои боздоранда ва дастгоҳҳои тарангкунандаро дар бар мегиранд. Соҳилҳои сайёр сутунҳои Н-шакли бо оҳан кафшершуда мебошанд, ки ғӯлачӯбҳои боздоранда дохили онҳо гузошта мешаванд. Сатҳи онро рӯйпӯши галваникии оҳанӣ муҳофизат менамояд, ки бо методи васлгарии тафсон коркард шудааст ва онҳо тавассути меххои печдор ба тахтачаҳои лангардор насб мешаванд. Онҳо барои доштани ғӯлачӯбҳои боздорандаи паҳнояшон 50, 90 ё 100мм тарҳрезӣ шудаанд. Баландии монеа ҳамеша бо баландии сершумори навъҳои интихобшудаи ғӯлачӯби боздоранда мутобиқ карда мешавад. Баландтарин соҳилҳои сайёр, ки то ин дам сохта шудаанд, 6,270 мм мебошад. Соҳилҳои сайёри дорои баландии 2,600 мм бе такягоҳи паҳлӯӣ сохта мешаванд, дар ҳоле ки барои соҳилҳои сайёри баландтар такягоҳ заруранд.

# Сегментҳои девори зидди обхезӣ


Сарчашма: ЭКО-СИСТЕМ, 2015
(Ҷузъи деворҳои зидди обхезӣ)

Ғӯлачӯбҳои боздоранда сохторҳои дарунхолӣ буда, аз хӯлаи алюминий AlMgSi0.7 сохта шудаанд. Объектҳои фишурдашуда андозаи 50/215, 90/165, 100/200 ё 150/200 милиметрро доранд. Онҳо профилҳои васлкоришудаи EPDM мебошанд ва бо дарозиҳои гуногун, бештар то 3,600 мм дастрасанд. Ғӯлачӯбҳои боздорандаи дарозтар бо сабаби масъалаҳои нигоҳдорӣ ва корфармоӣ истифода намешаванд. Интихоби навъҳои инфиродӣ аз фосилаи ғӯлачӯбҳои боздоранда ва баландии монеа вобаста аст. Бо мақсади эҷод кардани васлшавии мукаммали миёни ғӯлачӯбҳои боздоранда, дастгоҳҳои тарангкунанда ба соҳилҳои сайёр ва самтнамоҳои паҳлӯӣ насб карда мешаванд то ғӯлачӯбҳои боздорандаи инфиродӣ мустаҳкам карда шаванд. Агар монеаҳо остонаи васлшудаи поёнӣ надошта бошанд, ғӯлачӯби боздорандаи поёнӣ бо остонаи васлшудаи изофии дорои катакҳои хурд таҷҳизонида мешаванд, ки қодиранд нобаробариҳои калонтари то 15 милиметрро баробар кунанд.

Илова бар мустаҳкамӣ ва эътимоднокии ҳадди аксар, чунин монеаҳо афзалиятҳои дигар доранд. Дар ҷойҳое, ки монеаҳо насб мешаванд, қисмҳои доиман насбшуда қариб ноаёнанд. Онҳо дар рӯи замин тавре сохта мешаванд, ки ноаён боқӣ мемонанд. Насби девори зидди обхезӣ бетаъхиру осон буда, ҳатто бе омӯзиши пешакӣ онро метавон анҷом дод. Ҷузъҳои монеаи сайёр корбурди ягон мошинолотро талаб намекунанд. Ғӯлачӯбҳои боздорандаи дорои ҳамон як дарозӣ якдигарро ивазкунандаанд, аз ин рӯ, наметавонанд ҳангоми насб нодуруст ҷойгир шаванд. Унсурҳои мустаҳкам бо сабаби сифати маводҳои истифодашуда ягон таъмирро талаб намекунанд, дар ҳоле ки нигоҳ доштани ҷузъҳои сайёр осон аст. Ғӯлачӯбҳои боздорандаро қабат ба қабат ва соҳилҳои сайёрро дар зертахтаҳои қабатдори анбор метавон нигоҳ дошт. Онҳоро ба мошинҳо бо истифода аз автокар (мошини борбардор) метавон бор кард то насби зудтар таъмин шавад. Ҳангоми нигоҳдорӣ ягон таъмир зарур набуда, азназаргузаронии аёнӣ кофист.

# Таҷриба аз Ҷумҳурии Чех: Дигар навъи офатҳо

Ҷуғрофия ва ландшафти хоси Ҷумҳурии Чех чунин маънӣ доранд, ки навъҳои дигари офатҳои табиӣ хеле аҳён-аҳён рӯй медиҳанд. Заминлағжиҳо истисно буда, комилан маъмуланд ва ба зерсохтору деҳот ба таври ҷиддӣ таҳдид мекунанд. Хадамоти геологии Ҷумҳурии Чех, ки ба харитасозии геологӣ масъул аст, феҳристи онлайнии заминлағжиҳои мавҷуда ва эҳтимолиро таҳия кардааст. Ин феҳрист барои ҳам мақомоти давлатӣ ва ҳам хусусӣ ҳамчун воситаи банақшагирӣ хидмат намуда, тавассути интернет дастрас аст ва пайваста мавриди таҷдид қарор мегирад.




Сарчашма: Хадамоти геологии Ҷумҳурии Чех, 2014 (Феҳристи ноустувории нишебиҳо: Манзараи миллӣ)




Сарчашма: Хадамоти геологии Ҷумҳурии Чех, 2014 (Феҳристи ноустувории нишебиҳо: Манзараи маҳаллӣ)




Сарчашма: Хадамоти геологии Ҷумҳурии Чех, 2014 (Феҳристи ноустувории нишебиҳо: Манзараи муфассал)

Ҳарчанд ин воситаи пешқадам нест, он на ҳатман дар ҳамаи ҳолатҳо мавриди истифодаи муносиб қарор мегирад. Як намунаи нокомии корбурди дурусти феҳрист ҳангоми сохтмони шоҳроҳи D8 дар Боҳемияи Шимолист, ки роҳи ба нақша гирифташуда аз миёнаи минтақаи заминлағжӣ мегузашт. Сарфи назар аз огоҳиҳое, ки коршиносони соҳаи геология ва муҳити зист додаанд, заминлағжӣ таҳрик карда шуд ва сохтмон дар давоми беш аз як сол боздошта шуд. Ин намуна нишон медиҳад, ки чунин воситаҳоро дар фаъолиятҳои назоратии созмонҳои ғайридавлатӣ чӣ гуна метавон истифода бурд, ҳарчанд дар ин маврид огоҳиҳо ҷиддӣ гирифта нашудаанд.

# Нашри мавод ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ

Нашр кардан, таълим додан ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ соҳаҳои асосие мебошанд, ки Марказҳои Аарҳус метавонанд дар мавриди паст кардани сатҳи таъсири хавфҳо манфиати воқеӣ расонанд. Тавре дар боло зикр шудааст, таълим бояд ба силсилаи гурӯҳҳои мавриди ҳадаф тамаркуз намояд ва чанд мақсад дошта бошад. Дар доираи ҷонибҳои манфиатдори огоҳ ва ӯҳдадор дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ, амалан татбиқ намудани тағйироти зарурӣ дар идоракунии ландшафт, ҳифзи табиат, кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал душвор аст. Барои Марказҳои Аарҳус ташкил намудани муҳокимаҳои ҷамъиятӣ, семинарҳову тренингҳо ва баланд бардоштани огоҳӣ дар ҳамкории наздик бо институтҳои таҳқиқотӣ, донишгоҳҳо ва созмонҳои ғайридавлатӣ вазифаи муҳим аст.

Бар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Чех, ба барномаҳои таълимӣ ё нашри мавод ворид кардани мавзӯъҳои зерин оқилона аст:

- Пешгирии васеътар тавассути тағйирот дар идоракунии ландшафт, ҳифзи табиат ва хоҷагии ҷангал.
- Дубора ба табиат мутобиқсозии маҷро ва ҷараёни об.
- Сиёсатҳои муқовимати шаҳр ба офатҳои табиӣ.
- Банақшагирии шаҳрӣ дар робита бо минтақаҳои таҳти хавф қарордошта (минтақаҳои обхезӣ).
- Системаҳои огоҳсозӣ (фаъолият ва маҳдудиятҳо).
- Технологияҳо ва таҷрибаҳои беҳтарини муҳофизат ва наҷотдиҳӣ.
- Маслиҳатҳои муфид ва машваратҳои амалӣ барои аҳолие, ки аз офатҳои табиӣ зарар дидаанд.
- Иштироки ҷомеа дар омодагии банақшагирии рафъи офатҳои табиӣ.

Бар асоси таҷрибаи муаллиф дар мавриди нашри онлайнии мавод, дар бахшҳои зерин чанд маслиҳати муфид ва қоидаҳои умумӣ пешниҳод мешавад. Мақсади онҳо расонидани кумак ба Марказҳои Аарҳус ҷиҳати нашр намудани иттилоотест, ки ҳам коршиносон ва ҳам доираи васеи ҷомеа ба он эҳтиром хоҳанд гузошт. Ин замони фаъол кардани сомонае хеле муҳим аст, ки ба масъалаи мураккаби муҳити зист вокуниш нишон медиҳад.

### Коркарди бетарафонаи иттилоот ва кафолати воқеъбинӣ

Кори тарғиботӣ муҳим аст, вале  ба хотири афзудани мавҷудияти иттилоот оид ба масъалаҳои муҳиме, ки ҳар як Маркази Аарҳус муайян кардааст, анҷом додани кори бештар зарур аст. Навгониҳо ва иттилоот, масалан, бояд аз мақолаҳои тавзеҳотӣ ҷудо карда шаванд. Ин қоидаи корӣ ба нигоҳ доштани сатҳи баланди эътимоди хонандагон саҳм хоҳад гузошт. Ҳарчанд содда ба назар расад, мутаассифона, дар амал чунин нест. Бо мақсади соҳибэҳтиром ва муътамад будан, хоҳ дар кори тарғиботӣ бошад ё хоҳ паҳнсозии иттилоот ба доираи васеи ҷомеа, Маркази Аарҳус бояд нақшу мавқеи муносибро интихоб кунад. Ҳар ду рӯйкард афзалиятҳову нуқсонҳо доранд.

Инро тавассути омӯзиши ҳолати мушаххаси марбут ба муҳокимаҳо дар бораи идоракунии муҳити зисти Боғи миллии Шумава дар Ҷумҳурии Чех метавон нишон дод. Муҳокимаи фавқулодда ҳассосу пурҷӯшу хурӯш, ҳадди ақал сароғоз, ба шиддати идоракунии хоҷагии ҷангал дар ҳудуди боғи миллӣ тамаркуз мекард, ки дар он ҷо селаи афзояндаи гамбускҳои  чӯбхур ба харобсозии



*Коршинос кист ва фаъол кист?*

Сарчашма: Ekolist.cz, 2015

дарахтон оғоз кардаанд. Мудирони ҷангал ва муҳандисони хоҷагии ҷангал тасмим гирифтанд, ки рӯйкарди классикии бартарафсозии офат – яъне буридани дарахтонро қабул кунанд. Созмонҳои ғайридавлатӣ изҳори мухолифат намуда, халалдор накардани чараёни табиии ҷангалро пешниҳод намуданд. Созмонҳои ғайридавлатӣ аз ҷониби академия пуштибонӣ шуданд, ҳарчанд вақте олимон ба дастгирии рӯзномаи кории созмонҳои ғайридавлатӣ бо истифода аз воситаҳои СҒД (дархостҳо, намоишҳо ва мактубҳои ҷамъиятӣ) шурӯъ намуданд, онҳо мавқеи худро ҳамчун коршиносону олимони мустақил аз даст доданд ва ба таври тазодомез, ҷониби мухолифро заиф карданд.

Масъалаи дигари марбут ба коркарди бетарафонаи иттилоот вақте метавонад ба миён ояд, ки сиёсатмадорон барои пуштибонӣ аз барномаи корӣ ҷалб мешаванд. Ин замоне муқаррарӣ аст, ки пешбарии тадбирҳои ба табиат хайрхоҳонае мисли тағйирот дар идоракунии ландшафт, ҳифзи табиат, кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва дубора ба табиат мутобиқсозии маҷро ва ҷараёни об муҳокима мешаванд. Одатан ҳизбҳои ба масъалаҳои муҳити зист ҳассосе мисли Ҳизби Сабз аз чунин тадбирҳо пуштибонӣ мекунанд. Сипас вазъияти монанд метавонад ба вуҷуд ояд вақте хадамоти иттилоотӣ эътимоди доираи хонандагонро, ки метавонанд афзалиятҳои гуногуни сиёсӣ дошта бошанд, аз даст медиҳад.

## Набудани пуштибонии истисноӣ аз як қарор, муносибат ё созмон

Ҳар гуна масъалаи мураккаби муҳити зист ва ҳар гуна тағйирот дар ҳифзи табиат, идоракунии об, хоҷагии ҷангал ва кишоварзиро аз зовияҳои гуногун метавон баррасӣ кард. Самимият ба чорасозиҳои гуногун ба муайян кардани интихоби беҳтарин ё ҳадди ниҳоӣ қобили қабул кумак мерасонад. Ин ба масъалаи қаблӣ алоқаманд аст. Бо мақсади қобили эътимод ва соҳибэҳтиром будан, хадамоти иттилоотӣ бояд ба муносибатҳои гуногун кушода ва омода бошад, ки саҳми ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро (бо дарназардошти фарқияти миёни навгониҳо ва андеша/тавзеҳот) нашр намояд. Нашри иттилоот метавонад ҷонибҳои гуногуни манфиатдорро ба шарҳ додани муносибатҳои онҳо ташвиқ намояд, ҳатто агар онҳо баҳснок бошанд.

## Фаҳмиши ҳамаҷонибаи мавзӯъ (кормандони таълимдида ва соҳибтахассус ҳатмист)

Мураккабии масъалаҳои паст кардани таъсири хавфи офатҳо сатҳи кофии дониш, ҳарчанд на ҳатман коршиносро, талаб менамояд. Онҳое, ки маводро омода мекунанд, бояд ҳадди ақал заминаи

асосии касбӣ дошта бошанд: истисноан вобаста набудан аз коршиносони берунӣ муҳим аст. Бо ин сабаб, кормандон бояд дар тренингҳои давравӣ ширкат варзанд.

## Мақолаҳо бояд барои доираи миёнаи хонандагон фаҳмо бошанд

Иттилооти нашршуда асосан на барои коршиносон, балки барои доираи васеи ҷомеа, пешбинӣ шудааст, чунки коршиносон сарчашмаи касбӣ ва илмии иттилооти худро доранд. Бо мақсади нигоҳ доштани тавозуни муносиб, коммуникатсия бояд  ба гурӯҳҳои хеле мухталифи хонандагон, аз коршиносон то мири шаҳр ва доираи васеи ҷамъият равона шавад. Муҳтаво бояд аз нуқтаи назари коршинос дуруст ва ҳамзамон ба доираи васеи ҷамъият фаҳмо бошад. Ин вазифаи осон нест ва месазад, ки шахсеро ҳамчун муҳаррири дорои таҷрибаи рӯзноманигорӣ киро кард. Чунин қоидаҳои асосӣ шоёни ёдоварӣ мебошанд:

- Аз истилоҳоти ихтисосӣ дурӣ ҷӯед.
- Барои ҷалб намудани таваҷҷуҳи хонандагон бо паёмҳои муҳимтарин шурӯъ кунед.
- Ба ҷои ҷадвалҳо аксҳо, суратҳо ва диаграммаҳоро истифода баред.
- Агар шумо маводро тариқи онлайн нашр кунед на бештар аз ду дақиқаи таваҷҷуҳи хонандаро дар ихтиёр доред, аз ин рӯ, мақоларо кӯтоҳ намоед.
- Барои ҷудо кардани қисмҳои мақола зерсарлавҳаҳоро истифода баред.
- Тавассути нашр намудани силсилаи мақолаҳое, ки манзараи пурраи ҳикояро қисса мекунанд, хонандагонро ҳавасманд нигоҳ доред.

## Мониторинг, маркетинг, пешбарӣ ва нишондодҳои миқдорӣ ба такмил додани муҳтавои шумо ёрӣ мерасонанд

Барои нашрияҳои онлайнӣ, аз воситаҳои нерӯманди мониторинг ва арзёбие мисли Google Analytics (Гугл Энэлитикс) истифода баред. Онҳо ба шумо кумак хоҳанд кард то фаҳмед, ки минтақаҳои асли хонандагони шумо кадом аст, кай онҳо аз хадамоти онлайнии шумо боздид кардаанд ва ба кадом мавзӯъҳо рағбат зоҳир намудаанд.

Пайваста арзёбӣ намудани самаранокии кори худ бо истифода аз Google Analytics, ки ба таври ройгон дастрас аст, метавонад ба шумо ҷиҳати такмил додани ҳам муҳтаво ва ҳам маркетинг кумак расонад, чунки дар бораи хонандагони шумо ва рафтори онҳо иттилооти амалиро таъмин менамояд.

Бо истифода бурдани воситаҳои таҳлилӣ, шумо хоҳед донист, ки:

- кадом мақолаҳо ва мавзӯъҳо маъруфанд;
- кай (моҳ/фасл/рӯз/соат) мақолаҳои шуморо мехонанд ва тӯли чанд муддат; ва
- хонандагони шумо аз кадом сомонаҳо роҳнамоӣ шудаанд.




Моделҳои хониш тағйир ёфтаанд. Ҳоло хонандагон иттилоотеро ҷустуҷӯ мекунанд, ки бо воситаи мушаххас маҳдуд нест. Шумо метавонед муҳтавои худро тавассути чанд сомона (каналҳои RSS, линкҳо ва мақолаҳо) пешбарӣ кунед. Агар шумо муҳтавои худро тавассути канали RSS расонед, шумо метавонед барои хонандагони сомона мақолаҳои муносибтаринро интихоб кунед, вале шумо метавонед ва бояд ба он чӣ онҳо дар он сомонаҳои интернетӣ мехонанд иттилооти иловагӣ пешниҳод намоед.

Сарчашма: Павел Чинчера, 2015

### Шабакаҳои иҷтимоӣ

Барои маркетинг ва пешбарии фаъолона, аз шабакаҳои иҷтимоӣ (Фейсбук, Вконтакте ва Твиттер) истифода баред. Ин ба шумо дар шакли канали дигари паҳнсозии иттилоот миёни гурӯҳҳои мавриди ҳадафи худ афзалият хоҳад дод. Кормандони худро ба истифодаи суратҳисобҳои шахсии шабакаи иҷтимоии худ барои ба таври ғайрирасмӣ пешбарӣ намудани сомонаи шумо, масалан, тавассути эълон кардани мақолаҳои нав ё шавқангез ташвиқ намоед.

Дар ёд дошта бошед, ки шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд зиён оранд, агар нодуруст истифода шаванд. Чунин қоидаҳои асосӣ метавонанд кумак расонанд:

- Коммуникатсия кунед! Ба маводҳои (постҳои) нашршуда аксуламал нишон диҳед ва ба саволҳо посух гӯед.
- Ҳар рӯз дар Фейсбук бошед, маводҳоро (постҳоро) илова кунед ва аксуламал нишон диҳед (як соат кофист).
- Мухтасар ва хандаовар бошед. Агар хандаовар будан натавонед, танҳо мухтасар бошед.
- Хушмуомилаву ботаҳаммул бошед ва одамонеро блок кунед, ки чунин хусусиятҳоро надоранд.
- Рӯзноманигоронро ҳавасманд кунед, ки аз саҳифаи Фейсбуки шумо маводҳои гузошташударо (постҳор)о мубодила кунанд ва ба онҳо имконият диҳед, ки тавзеҳоти хеле ғайрирасмӣ диҳанд.
- Аксҳо ва видеоҳоро истифода баред.
- Ба хонандагони худ имконият диҳед, ки сомонаи шуморо “дӯст доранд”.
- Дар мавриди фароҳам овардани муҳокимаҳо танҳо барои хонандагони Фейсбук андеша кунед.
- Фейсбук барои дар сомонаи шумо бо ҳам овардани хонандагони нав метавонад канали муҳим бошад: кӯшиш кунед, ҳар қадар метавонед “рафиқон”-и зиёд дошта бошед.
- Фаъол бошед! Одамонро ташвиқ намоед, ки маводҳои (постҳои) нашркардаи шуморо дар Фейсбук мубодила кунанд, тавзеҳ диҳанд ва “дӯст доранд”.

### Эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқи муаллиф

Боварӣ ҳосил кунед, ки шумо дуруст иқтибос меоред, сарчашмаҳои иттилооти худро (созмонҳои ғайридавлатӣ, ҳукумат ва ғайра) эътироф мекунед ва ба сиёсатҳои таъмини иҷозатнома эҳтиром мегузоред (шумо метавонед иҷозатномаҳои ҷамъиятии ҳуқуқҳои муаллифро истифода баред).

### Тарҳи сомонаи интернетӣ муҳим аст

Тарҳи хуб аз ҳудуди диаграммаҳо берун мебарояд. Қолаб ва сохтори хуб тарҳрезишуда аҳамияти фавқулодда муҳим доранд. Азбаски ин масъала аз ҳудуди ҷузваи (брошураи) кунунӣ берун аст, чанд қоидаи асосиро метавон қайд кард:

- Сомонаи интернетӣ ба таври диагоналӣ аз кунҷи болоии тарафи чап ба кунҷи поёнии тарафи рост хонда мешавад. Аз ин рӯ, муҳимтарин паём бояд дар кунҷи болоии тарафи чап ҷойгир шавад ва ин ҷоест, ки шуморо зарур аст муҳтавояшро пайваста мавриди таҷдид қарор диҳед, чунки ин ҷои нахустинест, ки хонандаи шумо ба он нигоҳ хоҳад кард. Кунҷи болоии тарафи рост «хилватҷой» аст, ҳарчанд шумо метавонед тавассути бо сурати калон нашр кардани мақолае таваҷҷӯҳи хонандагонро ҷалб кунед.
- Мақолаҳо бояд кӯтоҳ бошанд ва ба бахшҳо тақсим карда шаванд. Вақти миёнае, ки атрофи ҳар гуна сомона сарф мешавад, тақрибан як дақиқа аст, аз ин рӯ, паёми асосӣ бояд дар давоми ин вақт расонида шавад.
- Графикаҳо, аксҳо, диаграммаҳо ва харитаҳо дар муқоиса бо матни тӯлонӣ ҳарчи зудтар мефаҳмонанд. (Дар ёд дошта бошед, ки хонандагон дар замони хеле маҳдуд ҳавасмандӣ зоҳир мекунанд.)
- Сохтори сомона бояд содда буда, ҳадди аксар ду ё се сатҳ ва танҳо чанд бахш дошта бошад.




Ekolist.cz сомонаи хоси муҳити зист буда, дар Ҷумҳурии Чех аз соли 1997 инҷониб фаъол аст. Дар як моҳ миёни 80,000 ва 100,000 хонанда аз он боздид мекунанд. Таълими марбут ба тағйироти зарурӣ дар мудирияти ландшафт яке аз афзалиятҳои он аст.

Сарчашма: Ekolist.cz, 2015

Муаллиф:

Маркази минтақавии муҳити зист барои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ

Саҳмгузоштагон:

Павел Чинчера,
Гордана Кожуҳарова,
Мартин Петрушевски,
Маттиас Пюрингер,
Томас Реҳачек.

Аксҳо:

Хадамоти геологии Ҷумҳурии Чех (саҳифаи 21);
Ekolist.cz (саҳифаҳои 23 ва 25);
ЭКО-СИСТЕМ (саҳифаҳои 19 ва 20);
Франтишек Пелк (page 13);
Ҳуго Чарват  (саҳифаи 12);
Ян Стейскал (саҳифаи 9);
Мартин Дивишек (саҳифаи 12);
Павел Чинчера (саҳифаҳои 12, 15, 16, 17 ва 24);
ва
Идораи замини давлатӣ (саҳифаи 14).

Ин гузоришро Маркази минтақавии муҳити зист барои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи Ташаббус оид ба муҳити зист ва амният “Тақвият додани тавонмандии Марказҳои Аарҳус ҷиҳати паст кардани сатҳи хавфи офат бо мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеаҳои маҳаллӣ” омода кардааст. Кишварҳои татбиқи лоиҳа Албания, Арманистон, Босния ва Ҳертсеговина, Қирғизистон, Молдова, Сербия ва Тоҷикистонро дар бар мегиранд. Лоиҳа аз ҷониби Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Барномаи рушди СММ, Маркази минтақавии муҳити зист барои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ва Барномаи муҳити зисти СММ бо пуштибонии молиявии Швейтсария, Финландия ва Австрия амалӣ мешавад.

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

FORMIN.FINLAND.FI
MINISTRY FOR FOREIGN AFFAIRS OF FINLAND

AUSTRIAN DEVELOPMENT COOPERATION

---

Андешаҳое, ки дар ин нашрия изҳор шудаанд, андешаҳои муаллиф буда, ба таври ҳатмӣ нуқтаи назарҳои созмонҳои шарики „Ташаббус оид ба муҳити зист ва амният ва донорҳои онҳо“-ро инъикос намекунанд.

---